# МАЪЛУМОТИ УМУМӢ

Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 тибқи маълумотҳои оморӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатиро бе назардошти соҳаи энергетика* ба зиёда аз 120% расонид.

Дар умум, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот 43 миллиард сомониро ташкил дод, ки рушди он ба 115,4% баробар ва нисбат ба соли 2021 – 5,7 миллиард сомонӣ зиёд мебошад.

Тибқи маълумоти расмии Агентии омори Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил афзоиши ҳаҷми Маҷмӯи Маҳсулоти Саноатӣ (ММС) дар давоми моҳҳои январ-ноябри соли 2022 нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 чунин мебошад:

**Нишондиҳандаҳои маҳсулоти саноатии ИДМ**



# ҲИССАИ СОҲАҲО ДАР МАҶМУИ МАҲСУЛОТИ САНОАТӢ ДАР СОЛИ 2022




# ТАНОСУБИ МИНТАҚАҲО ДАР ТАРКИБИ МАҲСУЛОТИ САНОАТИИ ҶУМҲУРӢ ДАР СОЛИ 2022

| МИНТАҚАҲО | Истеҳ. маҳсулот (млн. сом) | | Суръати афзоиш (%) | Фарқият (+;-) | Ҳисса бо % |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2022 | 2021 | | | |
| **Ҷумҳурӣ** | **42992,7** | **36901,9** | **115,4** | **6090,8** | **100,0** |
| ВМКБ | 164,4 | 305,9 | 53,2 | -141,5 | 0,4 |
| Вилояти Суғд | 24185,9 | 20290,0 | 118,0 | 3895,9 | 56,3 |
| Вилояти Хатлон | 10612,0 | 994,2 | 115,5 | 9617,8 | 24,7 |
| Шаҳри Душанбе | 3468,1 | 3120,8 | 110,0 | 347,3 | 8,1 |
| НТҶ | 4076,1 | 3677,7 | 109,7 | 398,4 | 9,5 |

Дар давраи ҳисоботӣ, аз ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ 61,4% ба саноати коркард, 20,4% ба саноати истихроҷ, 17,8% ба таъминоти неруи барқ, газ, буғ, тозакунии ҳаво, 0,4% ба соҳаи таъминоти об, тозакунӣ, коркарди партовҳо ва дастраси коркарди дуюмдараҷа рост меояд.

## ТАНОСУБИ МИНТАҚАҲО ДАР ТАРКИБИ МАҲСУЛОТИ САНОАТӢ ДАР СОЛИ 2022




## НАМУДҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДӢ (С, Б, Д, Е) ДАР МАҲСУЛОТИ САНОАТӢ ДАР СОЛИ 2022

| | Истеҳсоли маҳсулот (млрд сомонӣ) | | Суръати афзоиш (%) | Фарқият (±) |
|---|---|---|---|---|
| | 2022 | 2021 | | |
| Ҷумҳурӣ | 43,0 | 36,9 | 115,4 | 6,1 |
| С. Коркард | 26,5 | 21,7 | 116,4 | 4,8 |
| Б. Истихроҷ | 8,9 | 8,4 | 97,7 | 0,5 |
| Д. Неруи Барқ | 7,4 | 6,6 | 117,5 | 0,8 |
| Е. Таъминоти об | 1,9 | 1,8 | 102,2 | 0,1 |



Таҳлилҳо нишон доданд, ки афзоиши истеҳсоли маҳсулот дар соҳаҳои саноати коркард дар давраи ҳисоботӣ нисбат ба соли сипаригашта дар зерсоҳаҳои зерин чунин мушоҳида мешавад, аз ҷумла истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ якҷо бо нӯшокиҳо ва тамоку 125,8%, истеҳсоли нассоҷӣ, дӯзандагӣ, чарм, маҳсулот аз чарм ва пойафзол 121%, истеҳсоли металлургӣ ва истеҳсоли маҳсулоти тайёри филизӣ 104,1%, истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластмасса, ҳаргуна маснуоти ғайрифилизии маъданӣ 104%, истеҳсоли маҳсулот аз чӯб ва коғаз 116%, истеҳсоли маҳсулоти кимиёвӣ 1,5 баробар ва истеҳсоли маҳсулоти фарматсевтӣ 3,1 баробар аст, ки ҳиссаи соҳаҳои зикршуда дар ҳаҷми умумии маҳсулоти саноати коркард зиёда аз 99%-ро ташкил дод.

## ГАРДИШИ САВДОИ ХОРИҶӢ ДАР МУҚОИСА (млн $)

| | Январ-декабри 2022 | Январ-декабри 2021 |
|---|---|---|
| ҲАМАГӢ: | 7 309,5 | 6 359,1 |
| СОДИРОТ: | 2 142,0 | 2 149,6 |
| ВОРИДОТ: | 5 167,5 | 4 209,5 |



## ШУМОРАИ УМУМӢ ВА ТАЪСИСЁБИИ КОРХОНА ВА КОРГОҲҲОИ НАВИ САНОАТӢ ДАР СОЛИ 2022

| № | Вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо | Корхона | | Коргоҳ | | Ҳамагӣ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | шумора | ҷойи кории нав | шумора | ҷойи кории нав | Шумора | ҷойи кории нав |
| | | (корхона) | (нафар) | (коргоҳ) | (нафар) | (корхона ва коргоҳ) | (нафар) |
| 1 | ВМКБ | 27 | 87 | - | - | 27 | 87 |
| 2 | Вилояти Суғд | 151 | 2820 | - | - | 151 | 2820 |
| 3 | Вилояти Хатлон | 110 | 992 | 18 | 483 | 128 | 1475 |
| 4 | Шаҳри Душанбе | 74 | 549 | - | - | 74 | 549 |
| 5 | НТҶ | 125 | 544 | - | - | 125 | 544 |
| | **Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ** | **487** | **4992** | 18 | 483 | **505** | **5475** |

Аз ҳисоби корхонаю коргоҳҳои нав дар ҳамин давра зиёда аз 2 млрд сомонӣ маҳсулот истеҳсол карда шудааст, ки ҳиссаи онҳо дар ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ 5%-ро ташкил медиҳад.

**Шумораи таъсиси корхонаю коргоҳҳои нав ва шумораи кормандон дар солҳои 2019-2022**



Аз 505 корхонаю коргоҳи навтаъсис 160 корхона ба саноати хӯроквори, 121 корхона ба саноати сабук, 116 корхона ба соҳаи саноати сохтмон, 99 корхона ба соҳаи саноати мошинсозӣ ва 9 корхона ба дигар соҳаҳо рост меояд.

**Корхонаю коргоҳҳои навтаъсис бо тақсими соҳаҳо дар соли 2022**




Ҳаҷми сармоягузорӣ аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ дар соли 2022 маблағи 5 млрд 660 млн сомониро ташкил дод. Аз ин 4 млрд 942 млн сомонӣ ба саноати истеҳсол ва тақсимоти неруи барқ, газ ва об, 341 млн сомонӣ ба саноати коркард ва 377 млн сомонӣ ба саноати истихроҷ рост меояд.

**Ҳаҷми сармоягузорӣ аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ дар соли 2022, (бо млн сомонӣ)**



## СОҲАИ САНОАТИ МАЪДАНҲОИ КӮҲӢ ВА МЕТАЛЛҲОИ ҚИМАТБАҲО

Корхонаҳои соҳаи саноати маъданҳои кӯҳӣ ва металлҳои қиматбаҳо дар соли 2022 ба маблағи 12,5 млрд сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуданд, ки назар ба соли 2021 ба маблағи 65,5 млн сомонӣ зиёд мебошад. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳа 29,1% ҳаҷми маҳсулоти умумии корхонаҳои саноатии ҷумҳуриро ташкил додааст.

Дар ин давра, ҶДММ ТВЕА «Душанбе саноати кӯҳӣ, ҶМ ТК ММ «Апрелевка», КМҚДҶ «Тиллои Тоҷик», ҶДММ «Дастрас-2011» ва ҶДММ «Назирӣ» ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотро нисбат ба соли 2021 барзиёд иҷро намуданд.

Ҷиҳати зиёд намудани иқтидори содиротии мамлакат, ташкили ҷойҳои кории нав ва амалӣ намудани «Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон», дар маҷмуъ фурӯши маҳсулоти корхонаҳои соҳа зиёда аз 15,1 млрд сомонӣ буда, содироти он ба хориҷи кишвар 10,9 млрд сомониро ташкил намудааст.

Бо мақсади муайян намудани самтҳои асосии рушди саноати кӯҳию металлургӣ, азхудкунии конҳои металлҳои ранга ва сиёҳ, истихроҷу коркарди онҳо ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2019, №93 «Барномаи рушди соҳаи металлургияи ранга ва сиёҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2025» қабул карда шуда, иҷроиши он 112,5% таъмин гашт.

Инчунин, дар ин давра бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Бӯстон Корхонаи заргарии “Зари Суғд” баъд аз таъмиру азнавсозӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд.

Ҳамзамон дар ин раванд ба истифода додани фабрикаи бойгардони ва иншоотҳои ёрирасони ҶСП «Талко Голд» дар заминаи конҳои тилло ва сурмаи «Канчоч» «Скалное» ва «Чулбоӣ» ва дар заминаи конҳои тиллои «Кумарғи Боло» ва «Дуобаи Шарқӣ»-и ҶДММ “ТВЕА Душанбе саноати кӯҳӣ” коргоҳи поксозии тилло мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд.

Новобаста аз дастовардҳои болозикр ҶДММ КМ «Зарафшон», ҶДММ “Пакрут” ва ҶДММ “Заринк” ба коҳишёбии ҳаҷми истеҳсоли

тилло, ҶДММ «Ширкати кӯҳӣ - саноатии Тоҷикистону Хитой» ба хокаи бойгардонидашудаи руҳу мис ва ҶДММ ТА “КМ Анзоб” ба хокаи сурма роҳ додаанд.

Инчунин, ҶДММ «Ширкати кӯҳӣ-саноатии Тоҷикистону Хитой» соли 2017 сохтмони заводи металлургии истеҳсоли сурби металиро мавриди истифода қарор дода, то ҳол ҳамагӣ 2,8%-и иқтидорҳои лоиҳавии онро истифода намудааст.

Давоми соли 2022 корхонаҳои соҳа 3,6 млрд сомонӣ андозҳои гуногунро пардохт намудаанд, ки 1,6 млрд сомонӣ танҳо ба ҶДММ КМ “Зарафшон” рост меояд.

Бо истифода аз тамоми имкониятҳо расонидани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар соли 2023 ба маблағи 13,5 млрд сомонӣ арзёбӣ мегардад.

## СОҲАИ САНОАТИ АНГИШТ

Дар соли 2022 истихроҷи ангишт аз ҷониби 14 корхонаи соҳа дар 11 кон ба 2 млн 394 ҳазор тонна расонида шудааст, ки нисбат ба соли 2021 – 305 ҳазор тонна зиёд мебошад. Захираи ангишт дар анбори корхонаҳо ба ҳолати 01.01.2023 зиёда аз 340 ҳазор тоннаро ташкил медиҳад.

Бо ҳисоби молӣ, истихроҷи ангишт дар давраи ҳисоботӣ 514,7 млн сомониро ташкил дод, ки суръати афзоиш бо ифодаи пулӣ нисбат ба соли 2021 ба 128,3% баробар гардид. Ҳаҷми истихроҷи ангишт нисбат ба соли 2021 ба маблағи 113,4 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ 1 млн 137,6 ҳазор тонна ё 47,5% аз тарафи корхонаҳои давлатӣ ва 1 млн 256,0 ҳазор тонна ангишт ё 52,5% аз тарафи корхонаҳои хусусӣ истихроҷ карда шудааст.

Аз ҳаҷми ангишти истихроҷгардида 1 млн 976,2 ҳазор тонна – 82,6% бо таврӣ кушод ва 417,4 ҳазор тонна – 17,4% бо таврӣ зеризаминӣ истихроҷ гардидааст.

**Нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ дар солҳои 2020-2022**




| | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|
| Содирот, ҳаз.тн | 2,7 | 33,8 | 371,4 |
| Воридот, ҳаз.тн | 52,8 | 95,9 | 103,6 |
| Бақия, ҳаз.тн | 437,5 | 692,3 | 340,1 |
| Фурӯш, ҳаз.тн | 2046,3 | 1834,6 | 2665,4 |
| Истихроҷ, ҳаз.тн | 2029,1 | 2089 | 2394 |

Бо мақсади роҳандозии иқтидорҳои нави истеҳсолӣ ва ҷоннок намудани корҳои қабаткушоӣ, нақбканӣ, омодасозӣ ва барқароркунӣ аз ҷониби корхонаҳои соҳа дар давраи ҳисоботӣ ба маблағи зиёда аз 65 млн сомонӣ маблағ ҷалб карда шуд.

Воридоти техникаву таҷҳизот ва афзун намудани иқтидорҳои истеҳсолӣ имкон доданд, ки ҷойҳои кории нав бештар гарданд. Музди миёнаи маош бошад, нисбат ба соли сипаригардида 1437,6 сомонӣ зиёд мебошад.

Дар ин давра фурӯши ангишт бо назардошти бақияи солҳои пеш 2 млн 665,2 ҳазор тоннаро ташкил дода, тамоми соҳаҳо тибқи дархост то мавсими тирамоҳу зимистони имсола, пурра таъмин гардиданд.

Аз ҷумла: ба Маркази барқу гармидиҳӣ – 2 шаҳри Душанбе – 962 333,8 тонна (ё 36,1% аз ҳаҷми умумии фурӯши ангишт), корхонаҳои саноатӣ – 751 943,1 тонна (28,3%), аҳолӣ ва соҳибкорон- 575 929,1 тонна (21,6%), муассисаҳои буҷетӣ – 74 088,3 тонна (2,8%) ва содирот 371 413,9 тоннаро (14%) ташкил дод.

Содироти ангишт дар соли 2022 ба 371,4 ҳазор тонна расонида шуд, аз ҷумла ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон – 225,2 ҳаз тн., Ҷумҳурии Исломии Покистон – 143,6 ҳаз тн., Туркия – 186,2 тонна ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон – 2,3 ҳаз тоннаро ташкил додааст.

Маблағи ангишти содироткардашуда – 9,3 млн доллари ИМА-ро ташкил дод. Содироти ангишт нисбат ба соли - 2021 337,6 ҳазор тонна ё 10 маротиба зиёд гардидааст.

Мавриди зикр аст, ки ҳаҷми ангишти дар соли 2022 истихроҷгардида ва содироти он, дар таърихи кишвар баландтарин нишондиҳанда мебошад.

## СОҲАИ САНОАТИ САБУК ВА ПИЛЛА

Корхонаҳои соҳаи саноати сабук бо назардошти корхонаҳои пахтатозакунӣ дар соли 2022 ба маблағи 4,7 млрд сомонӣ маҳсулот истеҳсол кардаанд, ки суръати афзоиш нисбат ба соли 2021 – 21,7% зиёд мебошад.

Дар соли ҳисоботӣ дар соҳаи саноати сабук зиёда аз 90 корхонаю коргоҳи нав ба қайд гирифта шуд, ки аз ин 19 корхонаю коргоҳ бо иштироки бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавриди ифтитоҳ қарор дода шудааст.

Содироти маҳсулоти истеҳсолкардаи корхонаҳои саноати сабук ба хориҷи кишвар 281 млн доллари ИМА-ро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2021 ба маблағи 4,4 млн доллари ИМА афзоиш ёфтааст. Ба хориҷи кишвар асосан нахи пахта, ресмон ва матои пахтагин, ҷӯроб, маҳсулоти дӯзандагӣ, пӯсти хом ва коркардшуда содирот гардидааст.

Истеҳсоли нахи пахта зиёда аз 127 ҳазор тоннаро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2021 2,4 ҳазор тонна зиёд мебошад. Аз ҷониби корхонаҳои коркарди нахи пахта ба миқдори 20 ҳазор тонна ресмони пахтагин истеҳсол гардида, дар коргоҳҳои бофандагӣ истеҳсоли матои пахтагин 32,9 млн метри мураббаъро ташкил дод ва суръати афзоиш 2 маротиба зиёд карда шуд.

Аз ҷониби корхонаҳои дӯзандагӣ дар маҷмуъ ба маблағи 394 млн сомонӣ маҳсулот истеҳсол гардидааст, ки нисбат ба соли 2021 51,8 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Бо мақсади иҷрои супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати то оғози соли хониши 2022-2023, таъмин намудани хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо либоси мактабии истеҳсоли ватанӣ тадбирҳо роҳандозӣ гардида, ҳаҷми истеҳсоли либоси мактабӣ дар ин давра ба 3,3 млн дона расонида шуд, ки суръати афзоиш 126,2% таъмин гардидааст.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 20 декабри соли 2022 дар минтақаи саноатии шаҳри Душанбе ҶДММ «Қолинҳои Душанбе»-ро мавриди истифода қарор доданд, ки дастгоҳу таҷҳизоти қолинбофӣ аз Ширкати «Вандевил»-и Шоҳигарии Белгия ворид карда шуда, бо мақсади муаррифӣ ва дастрасии қолинҳо ба муштариён дар назди корхона мағозаи фурӯши маҳсулот таъсис ёфтааст. Таъсиси корхонаи мазкур дар самти амалишавии Барномаи рушди соҳаи қолинбофӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар соли ҳисоботӣ наздики 7,3 млн метри мураббаъ қолин истеҳсол карда шуд ва суръати афзоиш 1,5 маротиба зиёд таъмин гардидааст.

**Ҳаҷми истеҳсоли маснуоти қолинӣ дар солҳои 2018-2022**




Тибқи ҳисоботи расмӣ коркарди пӯсти чорво дар маҷмуъ ба 1,1 млн дона расонида шуд, ки дар қиёс ба соли қаблӣ 291 ҳазор дона зиёд мебошад ва аз ҳаҷми пӯсти коркардшуда ҶДММ «Чарм» 51 ҳазор донаро барои истеҳсолоти худӣ равона намуда, зиёда аз 7,6 млн детсиметри мураббаъ чарм истеҳсол кардааст ва суръати афзоиш назар ба соли пешин 127% таъмин шудааст.

Дар доираи Барномаи рушди соҳаҳои кирмакпарварӣ ва коркарди пилла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024 давоми соли 2022 истеҳсоли пилла ба 389 тонна расонида шуд, ки албатта чунин нишондод қонеъкунанда намебошад.

Мавриди қайд аст, ки ҷиҳати таъсиси маҷмааи коркарди нахи пахта бо Ширкати «БТК Групп»-и Федератсияи Россия ва дар самти тақвият бахшидани корҳо ҷиҳати коркарди пилла бо Ассотсиатсияи «Узбекипаксаноат»-и Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳамкориҳои судманд тақвият ёфта истодаанд.

## СОҲАИ МОШИНСОЗӢ, САНОАТИ МУДОФИА ВА ХИМИЯ

Корхонаҳои соҳаи мошинсозӣ, саноати мудофиа ва химия дар соли 2022 дар маҷмуъ ба маблағи 3,4 млрд сомонӣ маҳсулот истеҳсол намудаанд, ки назар ба соли 2021 аз рӯи нархҳои амалкунанда 963,2 млн сомонӣ зиёд мебошад. Суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулот аз тарафи корхонаҳои соҳа 139,4% таъмин карда шудааст.

**Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар соҳаи мошинсозӣ, саноати мудофиа ва химия дар солҳои 2015-2022**




ҶСК «Ширкати Алюминийи Тоҷик» дар соли 2022 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотро ба 483,5 млн сомонӣ расонид, ки нисбат ба соли 2021 – 102,3 млн сомонӣ зиёд ва суръати афзоиш бо нархҳои амалкунанда 126,8% таъмин гардид.

Ҳаҷми молии маҳсулоти Ширкат дар соли 2022 ба 62 ҳазор тонна баробар гардид, ки нисбат ба соли 2021 – 1498 тонна зиёд мебошад.

Соли 2022 корхонаҳои соҳа якҷо бо ҶСК «Ширкати Алюминийи Тоҷик» маҳсулотҳоро ба монанди алюминийи аввалия, профилҳои алюминӣ, сими металӣ, ядаки трактор, аробачаҳои кӯдакона, фойтунча, бозичаҳои бачагона ва шираи растаниҳо барои тайёр намудани маводҳои доруворӣ ба маблағи 238,0 млн доллари ИМА ба хориҷи кишвар, хусусан ҷумҳуриҳои Туркия, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, давлатҳои Аврупо ва Туркманистон содирот намуданд, ки нисбат ба соли пешин 90,9 млн доллари ИМА зиёд мебошад.

Ба зиёд гардидани ҳаҷми содироти маҳсулоти соҳа дар соли 2022 ду корхона, ҶСП «Мину фарм»-и ноҳияи Кушониён (содироти шираи растанӣ ба маблағи 6,5 млн доллари ИМА) ва ҶДММ «АлюминПроф»-и шаҳри Турсунзода (содироти профили алюминӣ ба маблағи 5,4 млн доллари ИМА) саҳмгузор мебошанд.

Бояд қайд намуд, ки моҳи ноябри соли 2022 дар идомаи сафари корӣ дар вилояти Хатлон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ноҳияи Ёвон ташриф оварда, Коргоҳи истеҳсоли нуриҳои фосфордори назди ҶДММ «ТАЛКО Кемикал»-ро ба истифода доданд. Коргоҳи мазкур ба харҷи 5,5 млн доллари ИМА ва таъсиси 50 ҷойи кори доимӣ бо иқтидори 75,0 ҳазор тонна нурии минералии фосфордор дар як сол мавриди истифода қарор дода шуд.

Корхонаҳои коркарди алюминий дар соли 2022, 16425 тонна алюминийро коркард намуданд, ки назар ба нишондиҳандаи соли 2021, 2080,2 тонна зиёд мебошад. Зиёд гардидани ҳаҷми коркарди алюминий дар соли 2022 асосан аз ҳисоби ба фаъолият шуруъ намудани корхонаи нави истеҳсоли профилҳои алюминии ҶДММ «Алюмин Проф»-и шаҳри Турсунзода 2272,2 тонна ва зиёд намудани ҳаҷми коркард аз тарафи ҶДММ КМ «Тоҷпроф»-и шаҳри Хуҷанд дар ҳаҷми 441,5 тонна ба вуҷуд омадааст.

**Ҳаҷми коркарди алюминийи аввалия дар солҳои 2015-2022**




*Эзоҳ: Ҳаҷми истеҳсоли алюминийи аввалия дар соли 2022 ба 62 ҳазор тонна расонида шуд.*

Бояд қайд намуд, ки айни замон дар соҳа 8 корхонаи саҳми давлатидошта фаъолият дошта, дар аксари онҳо корҳои таъмиру таҷдид рафта истодааст. Аз тарафи роҳбарияти Вазорат дар назди роҳбари ҳар як корхона вазифагузошта шудааст, ки камбудиву норасоиҳо бартараф карда шуда, ҳаҷми истеҳсоли

маҳсулотро назар ба солҳои қаблӣ ба тадриҷ зиёд карда, тарзи бурдани ҳисоботҳои муҳосибавӣ, ташкили кор ба таври муосир ва мувофиқ ба талаботи замон роҳандозӣ ва бо шарикони дохиливу хориҷӣ барои ҳамкорӣ ва ташкили истеҳсоли намудҳои нави маҳсулот корҳо тақвият бахшида шаванд.

Бо истифода аз имкониятҳои мавҷуда корхонаҳои саҳми давлатидоштаи соҳа дар соли 2022 ба маблағи 235,9 млн сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуда, суръати афзоишро нисбат ба соли 2021 бо нархҳои муқоисавӣ 167,6% таъмин намуданд. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар ин корхонаҳо дар соли 2022 назар ба соли қаблӣ 95,2 млн сомонӣ зиёд гардидааст.

Дар ҷумҳурӣ айни замон 3 корхона, ҶСП «Агротехсервис»-и шаҳри Ҳисор, ҶМСП «ТоҷИрон»-и шаҳри Душанбе ва ҶСП «Новселмаш»-и ноҳияи Спитамен ба истеҳсоли техника ва мошинолоти кишоварзӣ машғул мебошанд.

**Истеҳсоли трактор ва ядак (прицеп)**
**дар солҳои 2018-2022**




Корхонаҳои мазкур дар соли 2022, ба маблағи 71,6 млн сомонӣ техника ва мошинолоти кишоварзӣ истеҳсол намуданд, ки назар ба соли 2021 – 24,8 млн сомонӣ зиёд буда, суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулот 152,9% таъмин гардидааст.

Аз тарафи корхонаҳои ватанӣ дар соли 2022 дар маҷмуъ 241 трактори гуногунтамға ҷамъу васл карда шудааст, ки назар ба соли 2021 – 83 трактор зиёд мебошад.

Тавре маълум аст, дар шаҳри Душанбе корхонаи ҷамъу васли автобусҳо КМ тоҷикию-туркӣ «Акия Авесто Автоматив Индастрӣ» фаъолият менамояд, ки иқтидори истеҳсоли он аз 250 то 300 автобус дар як сол мебошад.

Соли 2022 аз ҷониби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар барои истеҳсоли 39 автобуси 8 метра ба корхона фармоиш дода шуда, маблағи он пешпардохт карда шудааст. Айни замон, дар иқтидорҳои корхона омодасозии қисмҳои болоии автобусҳо (кузов) рафта истодааст. Бо ворид гардидани баъзе қисмҳои ҷамъуваслшаванда ва ҷамъуваслии онҳо мебоист дар семоҳаи чоруми соли 2022 автобусҳо ба Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар пешниҳод карда мешуданд. Тибқи маълумоти роҳбарияти корхона бо сабаби пурра ворид нагардидани баъзе қисмҳои ҷамъуваслшванада то охири соли 2022 ҳамагӣ 15 автобус ба маблағи 23 млн сомонӣ омода гардида, ба Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар пешниҳод гардидааст.

Дар самти ҷамъу васли мошинҳои боркаш корҳо идома дошта, дар давраи ҳисоботӣ дар корхонаи "Талко Узавто Трак" – 37 мошини боркаш ҷамъу васл гардида, ғайр аз ин 10-тои дигар дар ҳолати ҷамъуваслкунӣ қарор дорад.

Дар ин давра 232 корхонаи хурду миёнаи соҳа ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотро зиёд намуда, ба афзоиш ёфтани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳа саҳмгузорӣ намуданд.

## СОҲАИ САНОАТИ МАСОЛЕҲИ СОХТМОН

Корхонаҳои соҳаи саноати масолеҳи сохтмон дар соли 2022 ба маблағи 3,8 млрд сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуданд, ки нисбат ба нишондоди соли 2021 – 600 миллион сомонӣ зиёд буда, суръати афзоиш 118,4% таъмин гардидааст. Ҳиссаи соҳа дар маҷмӯи маҳсулоти саноатӣ 9%-ро ташкил медиҳад.

Дар ин давра истеҳсоли семент ба 4,3 млн тонна, хишт 181,4 миллион дона, хишти сементӣ 49,8 миллион дона, гаҷкартон 874,2 ҳазор дона, армстронг 1,1 млн дона, тахтасанг 64,5 ҳазор метри мукааб, бомпӯши асбестӣ 2,3 млн дона, қуму шағал 1,6 млн метри мукааб, бетони сохтмонӣ 431,5 ҳазор метри мукааб, сангҳои ороишӣ 36,9 ҳазор метри мукааб, тахтасанги мармарӣ 12,7 метри мукааб баробар шудааст.

Ҳиссаи корхонаҳои сементбарорӣ дар маҷмӯи истеҳсоли маҳсулоти соҳа 65%-ро ташкил дода, давоми соли 2022 истеҳсоли семент ба 4 млн 352 ҳазор тонна расид, ки назар ба соли 2021 – 72,5 ҳазор тонн зиёд мебошад. Бо назардошти фаъолияти мунтазами корхонаҳои сементбарорӣ аз моҳи августи соли 2021

тамоюли зиёдшавӣ ба назар расида, суръати афзоиш 101,7 фоиз таъмин гардидааст.

Корхонаҳои сементбарорӣ давоми 5 соли охир талаботи бозори дохилиро пурра таъмин намуда, ба ҷумҳуриҳои ҳамсоя низ маҳсулот содирот менамоянд.

Дар соли ҳисоботӣ ҳаҷми маҳсулоти содиротӣ зиёд гардида, ба хориҷи кишвар 1,3 млн тонна семент, аз ҷумла ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон 965 ҳазор тонна ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон 412,4 ҳазор тонна ба маблағи 480,5 миллион сомонӣ содирот гардидааст, ки нисбат ба соли 2021 – 205,7 ҳазор тонна семент зиёд мебошад. Ҳаҷми маҳсулоти содиротшуда 31,6% ҳаҷми сементи дар ин давра истеҳсолгардидаро ташкил медиҳад.

Дар соли 2022 бо ҷалби сармояи дохилӣ дар соҳа 30 корхона ва коргоҳи нави истеҳсолӣ ба маблағи 150 млн сомонӣ бо 560 ҷойи корӣ сохта ба истифода дода шуда, 9-тои он бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ифтитоҳ ёфтааст.

Вобаста ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти кишвар дар паёми навбатӣ ҷиҳати зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти сохтмонӣ то моҳи апрели соли 2023 ҶДММ “Моҳир” дар ноҳияи Ёвон бо шарикони чинӣ корхонаи истеҳсоли гаҷкартонро бо иқтидори коркарди 200 ҳазор тонна гаҷ ва истеҳсоли 30 миллион метри мураббаъ (гаҷкартон) дар як сол, ба маблағи 23 миллион доллари ИМА бо таъсиси 150 ҷойи кории нав, сохта ба истифода медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки давоми солҳои охир дар соҳаи саноати масолеҳи сохтмон истеҳсоли маҳсулотҳои нави воридотивазкунанда семент, коркарди санг, гаҷкартон, шифер, қубурҳои асбестӣ, амстронг, бомпӯши битумӣ, рангҳои акрилию эмулсионӣ ва андоваҳои минералӣ ба роҳ монда шудааст.

## СОҲАИ САНОАТИ ХӮРОКВОРӢ

Саноати хӯрокворӣ рушди устувор ва мунтазами худро тавассути бунёди корхонаҳои муосир идома дода, дар соли 2022 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати хӯрокворӣ ба 10 миллиарду 823,2 миллион сомонӣ расонида шуд. Ин нишондод дар қиёс ба соли 2021 – 147,5% ва ё ба маблағи 3 миллиарду 486,1 миллион сомонӣ зиёд буда, 25,2%-и маҷмӯи маҳсулоти саноати ҷумҳуриро ташкил медиҳад.

**Истеҳсоли маҳсулоти саноати хӯроквории**
**дар солҳои 2015 - 2022**




Танҳо дар соли 2022 дар саноати хӯроквории ҷиҳати афзоиши иқтидорҳои истеҳсолӣ ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ғизоии саноатӣ 146 корхонаи саноатӣ бо 1059 ҷойи корӣ сохта ба истифода дода шудааст, ки маблағи 1 миллиарду 286,3 миллион сомонӣ ва ё 11,9%-и маҷмӯи маҳсулоти саноати хӯроквории ба корхонаҳои навтаъсис рост меояд.

Бинобар мавқеи калидӣ доштани саноати хӯроквории дар таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар он таҳти таваҷҷуҳи доимии Роҳбарияти Олии кишвар ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, дар соли 2022 азимтарин корхонаҳои бунёдгардида, ба монанди корхонаҳои ҳасиббарории «Акома»-и шаҳри Душанбе ва «Толиб Дадабоев»-и шаҳри Хуҷанд, корхонаи истеҳсоли оби ҷави «Салтанат»-и шаҳри Левакант, корхонаи истеҳсоли афшураи меваю сабзавот ва нӯшобаҳои «Паймонаи заррин»-и шаҳри Левакант, корхонаи истеҳсоли хӯроки омехтаи чорво ва паррандаи «Сомон-Кишоварз»-и ноҳияи Ҷаббор Расулов, коргоҳҳои макаронбарории корхонаи «Орди Фатир»-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ва қаннодии «Баракати Исфара»-и шаҳри Исфара бо иштироки бевоситаи Президенти кишвар, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтанд.

Чунин таваҷҷуҳ ва пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ ба густариши ҳамкориҳо бо ширкатҳои бонуфузи ҷаҳонии кишварҳои Аврупо ва Осиё дар самти воридоти хатҳои технологии пешқадам ва муҷаҳҳазгардонии онҳо дар истеҳсолоти ватанӣ, инчунин ба афзоиши ҳаҷми истеҳсол, таъсиси брендҳои ватанӣ ва роҳандозии маҳсулот бо брендҳои шинохтаи ҷаҳонӣ ба монанди «Кока-Кола», «Пепси», «Фанта», «Миринда», «Сеналко», «Буона» ва «Магна» дар саноати хӯроквории мусоидат намуда истодааст, ки аз рақобатпазирии истеҳсолоти ватанӣ ва мутобиқ будани он ба стандартҳои байналмилалӣ шаҳодат медиҳад.

Айни ҳол дар саноати хӯрокворӣ 660 корхона фаъолият намуда, зиёда аз 11765 нафар ба кор фаро гирифта шудааст, ки дар таъмини амнияти озуқаворини кишвар ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳолии ҷумҳурӣ саҳми назаррас доранд.

Бояд қайд кард, ки афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати хӯрокворӣ дар соли 2022 асосан аз ҳисоби зиёдшавии ҳаҷми истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво 3 маротиба, нӯшокиҳои беспирт 137,3%, маҳсулоти макаронӣ 105,1%, намаки ошӣ 107%, гӯшт 106,9%, меваи хушк 102,6%, маҳсулоти шири холис 105,4% ва биринҷ 102,4% ба вуҷуд омадааст.

Бо зиёд гардидани ҳаҷми истеҳсол сатҳи таъминоти бозори истеъмолии кишвар бо маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ, ки ҳадафи асосии саноати хӯрокворӣ мебошад мунтазам афзоиш ёфта, дар соли 2022 ҳиссаи гӯшт 97%, нӯшокиҳои ташнашикан 92,2%, орд 89,1%, маҳсулоти ширӣ 68,8%, маҳсулоти ҳасибӣ 58,3%, маҳсулоти қаннодӣ 43,7%, биринҷ 34,1%, маҳсулоти макаронӣ 47,2% ва равғани растанӣ 24,9%-ро ташкил дод.

Ба ин мақсад ва ҷиҳати диверсификатсияи содироти маҳсулоти ватанӣ дар соли 2022 тибқи дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар натиҷаи амалӣ намудани чораҳои зарурӣ дар самти тақвияти истеҳсоли гуногуннавъии маҳсулот дар саноати хӯрокворӣ истеҳсоли маҳсулотҳои нав ба монанди шарбати ангур ва морс дар зарфҳои шишагин ва намуди «Тетра-Пак», нӯшокиҳои ташнашикан ва нерудиҳанда дар зарфҳои муосири алюминӣ бо тамғаҳои молии «RC Cola» ва «ENERGY DRINK» дар корхонаи «Оби Зулол» ва 3 номгӯйи нақеъ: «Малина», «Клубника» ва «Инжир» дар корхонаи «Кишвар-2010» ба роҳ монда шудааст.

**Содироти маҳсулоти асосии саноати хӯрокворӣ дар солҳои 2015 – 2022**



Дар натиҷаи тадбирҳои андешидашуда мавқеи маҳсулоти ватанӣ дар бозори дохилӣ устувор гардида, содироти он ба хориҷи кишвар, аз ҷумла ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, инчунин ба давлатҳои Амрико ва Аврупо мунтазам афзоиш ёфта истодааст.

Агар ба хориҷи кишвар дар соли 2021 ба маблағи 27,5 миллион доллари ИМА маҳсулоти саноати хӯрокворӣ содирот шуда бошад, пас дар соли 2022 ин нишондод маблағи 43,1 миллион доллари ИМА-ро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2021 – 156,7% ё ба маблағи 15,6 миллион доллари ИМА зиёд мебошад.

Дар соли ҳисоботӣ 51,8 ҳазор тонна меваи хушк, 15,8 ҳазор тонна нӯшокиҳои ташнашикан, 1,3 ҳазор намак, 3 ҳазор тонна консерваи меваю сабзавот, 6,2 ҳазор тонна орд, 500 тонна маҳсулоти қаннодӣ ва 792,3 тонна желатин ба хориҷи кишвар содирот карда шудааст.

Афзоиши ҳаҷми содирот асосан аз ҳисоби нӯшокиҳои ташнашикан 154,9%, желатин 151,2%, меваи хушк 125,1% ва маҳсулоти қаннодӣ 125% ба вуҷуд омадааст. Дар таркиби маҳсулоти содиротгардида 59,6% (25,7 млн $) ба меваи хушк, 12,5% (5,4 млн $) ба желатин, 11,8% (5,1 млн $) ба нӯшокиҳои ғайриспиртӣ, 3% (1,3 млн $) ба консерваи меваю сабзавот ва 0,9% (0,4 млн $) ба маҳсулоти қаннодӣ рост меояд.

Мавриди зикр аст, ки соли 2022 бори нахуст ба хориҷи кишвар дар ҳаҷми 50 тонна маҳсулоти макаронӣ ба маблағи 45 ҳазор доллари ИМА содирот карда шудааст.

## МУАССИСАҲОИ ИЛМИЮ ТАЪЛИМӢ

Дар зертобеияти Вазорат шаш муассисаи таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ - Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва филиали он дар шаҳри Исфара, Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб, Донишкадаи кӯҳӣ - металлургии Тоҷикистон, Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат, Коллеҷи кӯҳии ба номи С. Юсупова, ду муассисаи давлатии илмию тадқиқотӣ - Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии “Ғизо” ва Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии саноат ва се муассиса типпи нав, аз ҷумла ду литсейи инноватсионии “Душанбе”-и назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва “Соҳибкор”-и назди Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат фаъолият доранд.

Дар соли ҳисоботӣ теъдоди умумии донишҷӯёни муассисаҳои таълимии зертобеи Вазорат зиёда аз 14 636 нафарро ташкил доданд.

Аз ҷумла, раванди таълим дар 28 факулта аз рӯи 193 ихтисос (аз ин 106 ихтисоси саноатӣ) ва 73 кафедра ба роҳ монда шудааст, ки дар онҳо 1747 нафар устоди ботаҷриба ва корманд кору фаъолият дорад, аз ин 52 нафар доктори илм, 265 нафар номзади илм дарс меомӯзад ва ба корҳои илмӣ - тадқиқотӣ машғул мебошанд.

Соли таҳсили 2021-2022, 2737 нафар мутахассис дар зинаи бакалавр ва магистри муассисаҳои таълимии зертобеи Вазоратро хатм намуда, қисми онҳо таҳсилро дар зинаи болоии таҳсилот идома дода истодаанд ва қисми дигараш (1224 нафар) дар соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ кору фаъолият доранд.

Ҷиҳати алоқамандии илм бо истеҳсолот дар назди корхонаҳои саноатии кишвар 43 филиали кафедраи муассисаҳои таълимии зертобеи Вазорат таъсис дода шудааст.

Инчунин, дар солҳои соҳибистиқлолӣ аз ҷониби олимону муҳақиқони муассисаҳои илмию таълимии зертобеи Вазорат 185 патент дар Маркази миллии патенту ихтирооти Вазорати рушди иқтисод ва савдо ба қайд гирифта шуда, аз ин шумора 56-тои он дар истеҳсолот ҷорӣ карда шуда, ин равандҳо идома доранд.

Қайд намудан зарур аст, ки дар муассисаҳои таълимии зертобеи Вазорат зиёда аз 22-номгӯи (махсусан курсҳои асосҳои муҳосибот, 1С: муҳосибот, кӯҳкориву металлургия, коркард ва истифодабарии конҳои нафту газ, электромеханика, ҳамлу нақл, ҳифзи муҳандисии муҳити зист, иқтисодиёти соҳаи саноат, тарҳрезӣ ва дӯхти либос, ташкили хӯроки омма ва кори пешхизматӣ, заргарӣ, кулолгарӣ, технологияи шабакавии Cisco, технологияҳои барномасозӣ, асосҳои схемотехника ва электротехника ва ғайра) курсҳои 1, 2, 3 ва 6 моҳа ташкил карда мешаванд. Барномаи ҳар як курси сетификатсионӣ модули алоҳидаро ташкил медиҳад.

## ФАРМОН, ҚАРОР ВА БАРНОМАҲОИ РУШДИ СОҲА

Дар давраи ҳисоботӣ барномаҳои соҳавӣ аз 101% то 137% иҷро гардиданд, ки саҳми онҳо дар рушди иқтисодиёти кишвар назаррас мебошад, аз ҷумла:

- “Барномаи рушди металлургияи ранга ва сиёҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2025” – 112%;
- “Барномаи рушди саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025” –137%;
- “Барномаи рушди саноати мошинсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025” – 101%
- “Барномаи рушди қолинбофӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025” – 111% таъмин гардидааст).

Инчунин, дар доираи амалишавӣ:

- Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 январи соли 2022, №309 дар бораи “Солҳои рушди саноат” эълон гардидани солҳои 2022-2026;
- “Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”;
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатӣ дар соҳаи саноат»;
- Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025;
- Барномаи рушди соҳаҳои кирмакпарварӣ ва коркарди пилла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024;
- Консепсияи рушди соҳаи ангишт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040.

## ФОРУМ, ВОХӮРӢ ВА ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Баҳри густариш ва ба роҳ мондани ҳамкориҳои дуҷониба бо давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ дар самти ҷалби сармояи хориҷӣ ва ворид намудани технологияҳои нав дар соли 2022 яккатор вохӯриҳои роҳбарияти Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон бо намояндагиҳои дипломатӣ, ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва ширкатҳои хориҷӣ баргузор гардидааст.

Аз ҷумла, бахри ҷалби сармояи хориҷӣ ва ташкил намудани корхонаҳои муштарак бо яккатор ширкату созмонҳои байналмилалӣ ҳамкориҳо дар самти дорусозӣ ва косметология, истеҳсоли мошинҳои электрикӣ, панелҳои офтобӣ, истеҳсоли тамоку, масолеҳи сохтмонӣ, коркарди пурраи нахи пахта, пӯст ва пашм то истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, тайёр намудани кадрҳои соҳибихтисоси соҳаҳои пешқадами саноат бо истифода аз моделҳои таҳсилоти муҳандисии хориҷӣ, ташкили маркази логистикии муосир бо назардошти ягонакунӣ, коркард, нигоҳдорӣ, тамғагузорӣ ва бастабандии мева ва сабзавот барои таъмини бозори дохилӣ ва содироти минбаъдаи он ва дигар самтҳои таваҷҷуҳи тарафайн ба роҳ монда шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ ҷаласаи Комиссияҳои байниҳукуматии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷумҳуриҳои Озарбойҷон, Ӯзбекистон ва Белорусия баргузор гардид, ки дар натиҷа масъалаҳои ба роҳ мондани ҳамкориҳо дар соҳаҳои саноат ворид карда шуданд.

Бо мақсади рушди ҳамкориҳо дар соҳаҳои саноат ва омодагӣ ба сафарҳои Роҳбарияти Олии кишвар ба давлатҳои хориҷа, дар ин давра 2 лоиҳаи санадҳои ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон омода гардида, зимни сафарҳои расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба имзо расонида шудаанд, аз ҷумла:

- Ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Эрон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи саноат ва технологияҳои нав (30.05.22, шаҳри Теҳрон, Ҷумҳурии Исломии Эрон);
- Ёддошти тафоҳум байни Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи рушди пиллапарварӣ ва саноати пашми Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи пиллапарварӣ (02.06.22, шаҳри Тошканд, Ҷумҳурии Ӯзбекистон)

Дар ин раванд корҳо идома дошта, 2 лоиҳаи санадҳои ҳамкорӣ омода гардида, дар баррасии ҷонибҳо қарор доранд, аз ҷумла:

- Ёддошти тафоҳум дар бораи таҳкими ҳамкорӣ ҷиҳати баланд бардоштани савияи дониши мутахассисони соҳаи саноат байни Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати саноат ва технологияҳои Ҷумҳурии Туркия оид ба ҳамкорӣ (дар баррасии ҷониби Туркия қарор дорад);

- Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Покистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи саноат ва технологияҳои нав (дар баррасии ҷониби Покистон қарор дорад).

Самтҳои асосии рушди саноат дар давраи саноатикунонии босуръати кишвар ва таъмини мунтазами “Солҳои рушди саноат” аз амалишавии масъалаҳои зерин вобастагӣ доранд:

- рушди саноати нассоҷӣ ва қолинбофӣ, гузариш аз содироти пахтаи хом ба маҳсулоти ниҳоӣ;
- рушди саноати истихроҷи маъдан бо таваҷҷуҳ ба васеъ намудани истеҳсоли металлҳои қиматбаҳо, инчунин мис, руҳ ва сурб;
- навсозии истеҳсолоти алюминий ва тавсеаи истеҳсоли маҳсулоти алюминӣ;
- рушди кимиёи ангишт;
- таъсиси корхонаҳои воридотивазкунанда дар соҳаҳои саноат.

Амалишавии самтҳои зикршуда метавонад таъсири мусбии худро ба иқтисодиёти кишвар расонида, боиси афзоиши истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, таъсиси ҷойҳои кории нав ва амалишавии ҳадафи чоруми миллӣ – саноатикунонии босуръати кишвар гардад.

Саноатчиёни ҷумҳурӣ бобати амалинамоии дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва иҷрои қарору супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути истифодаи васеи технологияҳои муосир, ҳаҷми истеҳсоли молу маҳсулоти саноатӣ, бахусус воридотивазкунандаро зиёд намуда, талаботи бозори дохилиро бо маҳсулоти рақобатпазир таъмин менамоянд. Аз ин лиҳоз, дар рушди иқтисодиёти кишвар саҳми назаррас гузошта, дар тақвият бахшидани иқтидори содиротии кишвар ва таъсиси ҷойҳои кории нав пайваста тадбирҳои зарурӣ меандешанд.